*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 105 (4525) | ЧОРШАНБЕ, 24 АВГУСТИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО ПРЕЗИДЕНТИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**23 августи соли 2022 суҳбати телефонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин доир гардид.**

Дар ҷараёни суҳбати дӯстона сарони ҳар ду давлат дар идомаи муколамаи мунтазам ҷанбаҳои алоҳидаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои байнидавлатии Тоҷикистону Федератсияи Россия, ҳамчунин дурнамои рушди минбаъдаи онҳоро дар чорчӯбаи шарикии стратегӣ баррасӣ карданд.

Ҷонибҳо дар робита ба масоили муҳими байналмилалӣ ва масъалаҳои алоҳидаи ҳамкории минтақавӣ, аз ҷумла таъмини амнияти минтақавӣ бо таваҷҷӯҳ ба вазъи Афғонистон, табодули афкор намуданд.

Президентҳо, ҳамзамон ҷадвали корӣ ва масъалаҳои рӯзномаи чорабиниҳои бисёрҷонибаи дарпешистодаро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Ҷонибҳо ҷиҳати идомаи тамосҳо оид ба масъалаҳои мазкур ба мувофиқа расида, зарурати таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ҳар ду кишварро таъкид карданд.

**www.president.tj**

---

**Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

# ТАСДИҚИ ФАРМОНҲОИ ПРЕЗИДЕНТ ВА ТАҒЙИРОТ ДАР КУМИТАҲОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бисту чоруми августи соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид**

**РАИС: - Муҳтарам вакилон!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 57 вакил ҳузур доранд.

Мутобиқи моддаи 5-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**(Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад).**

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар иҷлосия Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони муҳтарам!**

Тибқи талаботи банди 134-и Дастури Маҷлиси намояндагон, ба мо зарур аст, ки котиботи Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро интихоб намоем.

Пешниҳод аст, ки котибот иборат аз 3 нафар ва дар ҳайати зерин ташкил карда шавад:

**Раиси котибот:**

Азимзода Толибхон Ситамурод - вакил аз ҳавзаи интихоботии Ёвон, №29;

**Аъзои котибот:**

Зиёӣ Баҳриддин Саҳобиддин - вакил аз ҳавзаи интихоботии Ашт, №17;

Матробиён Саодатшо Қосимзода - вакил аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ.

Доир ба ҳайати пешниҳодгардида таклифи дигар доред? Нест.

Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи қарор дар хусуси ҳайати котибот ба овоз монда шуда, қарор қабул шуд.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Тибқи талаботи банди 226-и Дастури Маҷлиси намояндагон, ба мо зарур аст, ки ҳайати Комиссияи баҳисобгирии овозҳо дар Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро низ интихоб намоем.

Пешниҳод мегардад, ки ҳайати комиссияи мазкур иборат аз 3 нафар ва дар ҳайати зерин интихоб карда шаванд. Ба ҳайси раиси комиссия номзадии вакил аз ҳавзаи интихоботии Спитамен, №25 Аҳмадзода Бахтиёр Ҳикматулло, ба ҳайати комиссия номзадии вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҷаббор Расулов, №16 Қосимӣ Файзулло, инчунин вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҳисор, № 7 Дӯстмуродзода Сурайё пешниҳод мешавад.

Доир ба шумора ва ҳайати комиссия пешниҳоди дигар доред? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз монда, хоҳиш мекунам мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи қарор дар хусуси ҳайати Комиссияи баҳисобгирии овозҳо бо овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Тибқи талаботи банди 248-и Дастури Маҷлиси намояндагон, зарур аст, ки Гурӯҳи назорати системаи электронии овоздиҳиро дар Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум интихоб намоем.

Пешниҳод аст, ки гурӯҳ иборат аз 3 нафар ва дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:

Ба ҳайси роҳбари гурӯҳ - номзадии вакил аз ҳавзаи интихоботии Шоҳмансур, № 3 Обидзода Фозил Саид, ба ҳайати гурӯҳ номзадии вакил аз ҳавзаи интихоботии Вахш, №32 Абдусаломзода Мунаввар Алиакбар ва вакил аз ҳавзаи интихоботии Ӯрунхоҷаев, №15 Ахмедов Мирзоанвар пешниҳод мешавад.

Доир ба шумора ва ҳайати комиссия пешниҳоди дигар доред? Нест.

Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳиш мекунам мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи қарор дар хусуси ҳайати Гурӯҳи назорати системаи электронии овоздиҳӣ ба овоз монда шуда, қарор қабул шуд.*

**РАИС: -** Аз вакилоне, ки ба ҳайати котибот, Комиссияи баҳисобгирии овозҳо ва Гурӯҳи назорати системаи электронии овоздиҳӣ интихоб шудаанд, хоҳиш карда мешавад, ки ба иҷрои вазифаҳояшон шурӯъ намоянд.

**Вакилони муҳтарам!**

Ба мо лозим аст, ки тартиби инъикоси кори Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро аз тариқи воситаҳои ахбори омма муайян намоем.

Аз рӯи масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода дода мешавад. Марҳамат.



**Саидмурод ФАТТОҲЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Мутобиқи банди 137-и Дастури Маҷлиси намояндагони' Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби инъикоси кори Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ироа мегардад.

1. Рафти кори Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум дар барномаҳои телевизион ва радиои ҷумҳурӣ ба таври фишурда пахш карда шавад.

2. Маводи кори Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум дар нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Садои мардум» ба таври пурра нашр карда шавад.

3. Маводи кори Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум тавассути Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар», рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Народная газета» ва «Халқ овози», инчунин дар рӯзномаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ чоп карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби инъикоси кори Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ба овоз монда шуда, қарор қабул гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» пешниҳод мегардад.

Чӣ гуна пешниҳод доред? Нест.

Хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи иҷлосия бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Толибзода Ф. Н.»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Накхатзода М. К.»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Толибзода Ф. Н.»**

**4. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Назирӣ Г. Н.»**

**5. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Шарифзода Ф. Ҳ.»**

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

---

**Дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ**

# НАҚШИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР БОЛОРАВИИ МАҚОМИ ЗАНОН

**«Ҳукумати кишвар ба занону бонувон эҳтироми хоса зоҳир менамояд ва дар барномаҳои давлатӣ, стратегия ва консепсияҳо дурнамои фаъолияти занон ва нақши онҳоро дар мақоми роҳбарӣ, таҳкими давлатдорӣ, солимии ҷомеа ва пойдориву устувории оила таъкид намудааст. Мо ин сиёсатро дар оянда низ давом дода, занонро ҳамчун чароғи оила, неруи созандаи ҷомеа ва ҳимоятгару идомабахши беҳтарин анъанаҳои миллӣ дастгирӣ менамоем ва дар сохтору мақомоти давлатӣ сафи онҳоро бештар мегардонем».**

***(Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021)***

Истиқлолияти давлатӣ барои боло бурдани мавқеи занон дар ҷомеа имконияти бештарро фароҳам овард. Ҳоло зани тоҷик метавонад неруи созандаи худро барои ободию рушди кишвар равона созад ва дар ҳама самтҳои азнавсозии мамлакат фаъолона ширкат варзад.

Бешак, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 3 декабри соли 1999 таҳти №5 барои таъмини иштироки занон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоии кишвар, болотар рафтани мақоми зан дар ҳаёти ҷомеа мусоидат кард.

Айни ҳол теъдоди занону бонувон дар хизмати давлатӣ 4 ҳазору 518 нафарро ташкил дода, дар вазифаҳои роҳбарикунанда 1 ҳазору 113 нафар занону бонувон фаъолият намуда истодаанд. Қариб 68 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ, беш аз 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 27 фоизи кормандони илм ва зиёда аз 23 фоизи онҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд, занону бонувон мебошанд.

Бояд қайд кард, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар 11 ҳазору 500 духтар аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро бо Квотаи президентӣ хатм карданд.

**ГРАНТИ ПРЕЗИДЕНТӢ – МУШКИЛКУШОИ ЗАНОН**

Бо мақсади инкишофи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, дастгирии соҳибкорӣ, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намудани занону духтарон, таъсиси ҷойҳои нави кор дар асоси қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2006 грантҳои президентӣ оид ба фаъолияти соҳибкории занон таъсис дода шуда, ҳар сол бо ин мақсад аз буҷети давлатӣ зиёда аз 2 млн. сомонӣ ҷудо мешавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2021 таҳти №5 «Дар бораи грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021-2025» қарор қабул кард. Аз соли 2021 то соли 2025-ум 80 гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ба маблағи 2 000 000 (ду миллион) сомонӣ барои дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон таъсис дода шуд, аз ҷумла:

- 20 грант ба маблағи 40 ҳазор сомонӣ;
- 20 грант ба маблағи 30 ҳазор сомонӣ;
- 20 грант ба маблағи 20 ҳазор сомонӣ;
- 10 грант ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ.

Тавре аз Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, ба кумита 236 лоиҳа ҷиҳати дарёфти гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022 пешниҳод гардида, аз он 80 лоиҳа аз ҷониби комиссияи грантӣ дастгирӣ гардид, аз ҷумла:

- аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 30 лоиҳа пешниҳод гардида, аз он 10 лоиҳа ба маблағи 305 000 (сесаду панҷ ҳазор) сомонӣ;
- вилояти Суғд 46 лоиҳа пешниҳод гардида, аз он 17 лоиҳа ба маблағи 525 000 (панҷсаду бисту панҷ ҳазор) сомонӣ;
- вилояти Хатлон 91 лоиҳа пешниҳод гардида, ки аз он 28 лоиҳа ба маблағи 895 000 (ҳаштсаду наваду панҷ ҳазор) сомонӣ;
- шаҳри Душанбе 31 лоиҳа пешниҳод гардида, аз он 8 лоиҳа ба маблағи 235 000 (дусаду сиву панҷ ҳазор) сомонӣ;
- ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 20 лоиҳа пешниҳод гардида, аз он 9 лоиҳа бо маблағи 290 000 (дусаду навад ҳазор) сомонӣ;
- водии Рашт 18 лоиҳа пешниҳод гардида, аз он 8 лоиҳа ба маблағи 260 000 (дусаду шаст ҳазор) сомонӣ дастгирӣ ёфтанд.

Зимни баррасии лоиҳаҳо барои дарёфти гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳибкорзанон аз табақаҳои осебпазир афзалият дода шудаанд. Аз ҷумла:

- 6 зани имконияташон маҳдуд аз шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Сино, Рашт, Бобоҷон Ғафуров, Левакант ва Темурмалик;
- 2 соҳибкорзане, ки дар оилаашон шахси имконияташон маҳдуд доранд, аз шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд ва Рӯшон;
- 6 нафар аз оилаҳои осебпазир аз ноҳияҳои Сино ва Сангвор.

Дар маҷмӯъ, 80 лоиҳа ба маблағи 2500000 (ду миллиону панҷсад ҳазор сомонӣ) дар самти таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла коркарди меваю сабзавот, ташкили гармхона, рушди чорводорӣ, кишоварзӣ, парандапарварӣ, занбӯриасалпарварӣ, коркарди пашми буз ва гӯсфанд, моҳипарварӣ, мурғпарварӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷониби аъзои комиссияи грантӣ дастгирӣ ёфт.

**БАРАКАТИ ГРАНТИ ПРЕЗИДЕНТӢ**

Марҳабо Назарова, соҳибкор ва гирандаи гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 мебошад. Ӯ аз соли 2012 ба соҳибкорӣ машғул буда, барои хонандагони муассисаҳои таълимӣ либоси ягона омода менамояд. Номи лоиҳае, ки бо он муваффақиятро ба даст овард, «Дӯхти либоси аврупоӣ бо нақшу нигори миллӣ» ном дорад.

Марҳабо Назарова нақл кард, ки дар аввал корхонаашон хурд буд, вале ҳоло дар Маркази савдои «Садбарг»-и пойтахт фаъолият дорад.

- Ривоҷи фаъолияти мо аз таваҷҷуҳи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ гирифта, кӯшиш карда истодаем, то дар оянда тавсеа ёбад, - гуфт номбурда.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

(Идома аз саҳ. 1)

# ТАСДИҚИ ФАРМОНҲОИ ПРЕЗИДЕНТ ВА ТАҒЙИРОТ ДАР КУМИТАҲОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**6. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Салимзода А. А.»**

**7. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мухлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло М. Қ.»**

**8. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия баровардани Файзулло М. Қ.»**

**9. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия озод намудани Файзулло М. Қ.»**

**10. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Файзулло М. Қ.»**

**11. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мухлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назирӣ Г. Н.»**

**12. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия баровардани Назирӣ Г. Н.»**

**13. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Комиссия оид ба одоби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Назирӣ Г.Н.»**

**14. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон интихоб намудани Раҷабзода Равшан Муҳитдин»**

**15. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳайати Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Раҷабзода Р. М.»**

**16. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб намудани Қурбонзода М. Р.»**

**17. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб намудани Қурбонзода М. Р.»**

**18. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳайати Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қурбонзода М. Р.»**

**19. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният баровардани Матробиён С.Қ.»**

**20. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот интихоб намудани Матробиён С. Қ.»**

**21. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин баровардани Дӯстмуродзода С.»**

**22. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб намудани Дӯстмуродзода С.»**

**23. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот баровардани Маликзод П. И.»**

**24. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон интихоб намудани Маликзод П. И.»**

**25. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин интихоб намудани Гулаҳмадзода З. А.»**

**26. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот интихоб намудани Шерализода М. У.».**

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Толибзода Ф. Н.» сухан ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дода мешавад. Марҳамат.



**Зариф АЛИЗОДА** Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Толибзода Ф. Н.»- ро қироат менамояд:

- «Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Толибзода Фирдавс Назримад бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 августи соли 2022, № 422».**

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Толибзода Ф. Н.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Накхатзода Моҳбону Киромиддин» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи он сухан ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дода мешавад. Марҳамат.

**Зариф АЛИЗОДА** Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Накхатзода М. К.»- ро қироат менамояд:

- «Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Накхатзода Моҳбону Киромиддин аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 августи соли 2022, № 423».**

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Накхатзода М. К.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Толибзода Ф. Н.» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи он сухан ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дода мешавад. Марҳамат.

**Зариф АЛИЗОДА** Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Толибзода Ф. Н.» - ро қироат менамояд:

- «Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Толибзода Фирдавс Назримад муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 августи соли 2022, № 424».**

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Толибзода Ф. Н.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Назирӣ Г. Н.» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи он сухан ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дода мешавад. Марҳамат.

**Зариф АЛИЗОДА** Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Назирӣ Г. Н.»- ро қироат менамояд:

- «Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Назирӣ Гулбаҳор Назир муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 августи соли 2022, № 425».**

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Назирӣ Г. Н.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Шарифзода Ф. Ҳ.» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи он сухан ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дода мешавад. Марҳамат.

**Зариф АЛИЗОДА** Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Шарифзода Ф. Ҳ.» - ро қироат менамояд:

- «Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Шарифзода Фируз Ҳомиддин муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 августи соли 2022, № 426».**

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Шарифзода Ф. Ҳ.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Салимзода А. А.» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи он сухан ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дода мешавад. Марҳамат.

**Зариф АЛИЗОДА** Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Салимзода А. А.»- ро қироат менамояд:

- «Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Салимзода Алиҷон Абдуҷалол муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 17 августи соли 2022, № 427».**

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Салимзода А. А.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мухлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло М. Қ.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз мемонам. Хоҳишмандам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мухлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло М. Қ.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия баровардани Файзулло М. Қ.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳишмандам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия баровардани Файзулло М. Қ.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия озод намудани Файзулло М. Қ.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳиш мекунам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия озод намудани Файзулло М. Қ.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Файзулло М. Қ.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳиш мекунам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Файзулло М. Қ.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Вакилони арҷманд, чӣ тавре огаҳӣ доред, Файзулло Машраб Қурбоналӣ ба вазифаи ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Тоҷикистон - Россия» таъин гардиданд. Дар ин ҷода ба он кас барору комёбиҳо орзумандем!

Акнун ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мухлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назирӣ Г. Н.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳишмандам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мухлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назирӣ Г. Н.». ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия баровардани Назирӣ Г. Н.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳишмандам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия баровардани Назирӣ Г. Н.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Комиссия оид ба одоби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Назирӣ Г. Н.» мегузарем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳиш мекунам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Комиссия оид ба одоби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани Назирӣ Г. Н.». ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Вакилони арҷманд, Назирӣ Гулбаҳор Назир ҳамчун вакил дар даъватҳои панҷум ва шашум дар самти намояндагӣ, рушди қонунгузорӣ ва ҳамкориҳои байнипарламентӣ фаъолияти пурсамар ва хизматҳои шоён анҷом додаанд. Итминон дорем, ки аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи пурмасъул низ сарбаландона баромада, ҳамкориҳоро бо мо идома медиҳанд.

Акнун ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон интихоб намудани Раҷабзода Р. М.» мегузарем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳишмандам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон интихоб намудани Раҷабзода Равшан Муҳитдин» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳайати Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Раҷабзода Равшан Муҳитдин» шурӯъ менамоем». Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳиш мекунам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳайати Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Раҷабзода Р. М.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб намудани Қурбонзода М. Р.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳиш мекунам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб намудани Қурбонзода М. Р.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Тибқи талаботи моддаи 3[1] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вакили интихобшуда ба халқи Тоҷикистон савганд ёд мекунад. Марҳамат.

*Ҳамчун вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат савганд ёд намуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб намудани Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳиш мекунам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб намудани Қурбонзода М. Р.». ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳайати Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қурбонзода М. Р.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳишмандам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба ҳайати Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қурбонзода М. Р.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният баровардани Матробиён С. Қ.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳишмандам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният баровардани Матробиён С. Қ.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот интихоб намудани Матробиён С. Қ.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳишмандам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот интихоб намудани Матробиён С. Қ.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин баровардани Дӯстмуродзода С.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳишмандам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин баровардани Дӯстмуродзода С.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб намудани Дӯстмуродзода С.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳишмандам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия интихоб намудани Дӯстмуродзода С.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот баровардани Маликзод П. И.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳиш мекунам мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот баровардани Маликзод П. И.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон интихоб намудани Маликзод П. И.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳишмандам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон интихоб намудани Маликзод П. И.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин интихоб намудани Гулаҳмадзода З. А.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳиш мекунам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин интихоб намудани Гулаҳмадзода З. А.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Тибқи талаботи моддаи 3[1] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вакили интихобшуда ба халқи Тоҷикистон савганд ёд мекунад. *Марҳамат.*

*Ҳамчун вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулаҳмадзода Зулфиқор савганд ёд намуд.*



**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот интихоб намудани Шерализода М. У.» шурӯъ менамоем. Лоиҳаи қарорро дар ин хусус ба овоз монда, хоҳиш мекунам, мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот интихоб намудани Шерализода М. У.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Тибқи талаботи моддаи 3[1] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вакили интихобшуда ба халқи Тоҷикистон савганд ёд мекунад. Марҳамат.

*Ҳамчун вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шерализода Муҳамадулло савганд ёд намуд.*

**РАИС: - Ҳозирини гиромӣ!**

Иҷлосияи якуми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро пӯшида эълон менамоям.

*(Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад).*

**АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ

**Истиқлолияти давлатӣ барои мардуми тоҷик муқаддастарину азизтарин неъмат, рамзи саодат ва асолати миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва нишонаи пойдориву бақои давлат мебошад.**

Истиқлолияти давлатӣ шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонист, ки низоми давлатдорӣ, сиёсати дохиливу хориҷӣ, сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии хешро мустақилона пеш мебарад. Истиқлолияти давлатӣ дар он ифода меёбад, ки сиёсати давлатиро давлат мустақилона муайян намояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ, баъд аз ҷаҳду талошҳои зиёди ба эътидол овардани вазъи ноороми кишвар тавонистанд, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро дар арсаи байналмилалӣ мустақилона муайян намоянд.

Истиқлолияти давлатӣ рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хоса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамсадо месозад. Он заминаи рушд барои соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла соҳаи қонунгузории миллӣ, ба ҳисоб меравад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои соҳибистиқлолӣ, бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд, тавонистанд пешрафти устувори Ватанро таъмин намоянд, мақоми онро дар арсаи байналмилалӣ боло бардоранд, пояҳои давлатдории мустақилро тақвият бахшида, кӯшишу талоши худро барои фароҳам овардани шароити мусоид ва зиндагии шоиста равона созанд.

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд, ки он пояҳои истиқлолият ва асосҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро таҳким бахшида, сарчашмаи ташаккули низоми нави қонунгузории давлати муосири Тоҷикистон гардид ва иштироки озодонаву васеи шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар ва идораи давлат таъмин намуд. Принсип ва меъёрҳое, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтаанд, заминаи инкишофи низоми ҳуқуқии кишварро муайян намуд.

Дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии кишвар бахши қонунгузории миллӣ низ рушд ёфта истодааст. Ба рушди қонунгузории миллӣ Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии мамлакат зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон замина гузошт ва аввалин қонунҳои нав ба манфиати давлату миллат зарурӣ қабул шуданд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парчами давлатии Тоҷикистон», «Дар хусуси тасдиқи низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҳамон ҷумла мебошанд.

Як қатор қонуну қарорҳои дар иҷлосия қабулгардида барои ба эътидол овардани вазъи кишвар нигаронида шуда буданд. Ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 дар минтақаҳои мухолифат ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд», қарори Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии шахсоне, ки бар асари муноқишаҳои мусаллаҳонаи минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ зарар дидаанд» мебошанд.

Рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст.

Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таҳкими идоракунии давлатӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди маориф ва илм, фарҳанг, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият, рушди соҳибкорӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа вазифаҳои якумдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд.

Дар таърихи қонунэҷодкунии мамлакат бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ду қонуне қабул карда шудааст, ки сирф миллӣ буда, дар таҷрибаи давлатҳои дигар дида намешаванд. Ин қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мебошанд.

Сабаби асосии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз он иборат буд, ки дар охири солҳои 80 ва солҳои 90-уми асри XX аксари расму оин, урфу одат, суннатҳои ислом ва ғайра ба таври манфӣ – худнамоишдиҳӣ ва хароҷоти калон табдил ёфта, чун «анъанаҳои нав» ба ҳаёти ҷомеа ҷорӣ гаштанд. Қонуни мазкур барои дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти ҷамъиятии замони истиқлолияти давлатӣ шароит ва замина фароҳам овард.

Пеш аз қабули он Сардори давлат зикр намуданд, ки ҳадафи қабули қонуни мазкур аз байн бурдан ва барҳам додани расму оинҳои халқӣ ва маросимҳои динӣ нест, балки раҳоии мардум аз банди худнамоӣ ва таассубу хурофотпарастӣ аст, чунки дар ҷомеа равияҳои мазҳабии дорои хусусияти ифротӣ ибтидо ва вусъат гирифтанд. Мақсади асосии қонуни мазкур беҳтар намудани шароити зисти мардум ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад.

Маълум аст, ки вазифаи ҳар як расму оин, суннат ва ҷашну анъана инъикоси фарҳанги моддию маънавии миллат аст ва он бояд аз унсурҳои бегона тоза бошаду дар ин замони ҷаҳонигардида, хусусияти фарқкунандаи миллатамонро байни ҷаҳониён зоҳир намояд.

Дар соҳаи судии кишвар низ бо ташаббуси Пешвои миллат ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ гузаронида шуда истодааст. Тавре Сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ 26 ноябри соли 2019 иброз доштанд: «… дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар самти ташкилу таҳкими ҳокимияти судӣ, таъмини қонуният ва адолати судӣ корҳои зиёд ба сомон расонида шуданд. Аз ҷумла, барои рушду таҳкими мақомоти судӣ чор барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки онҳо барои пешрафти соҳа, баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини шароити зарурӣ барои баррасӣ ва ҳалли одилонаи парвандаҳои судӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо ва умуман, ҷиҳати ба амал баровардани адолати судӣ, нақши муҳим доранд».

Хулоса, нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими қонунгузории миллӣ ниҳоят калон аст, зеро ҳар як кодекс, қонун, барнома ва стратегияҳое, ки аз ҷониби Пешвои миллат ба имзо мерасанд, бо назардошти манфиатҳои миллӣ, мутобиқат бо меъёрҳои байналмилалӣ қабул карда мешаванд. Баҳри дар амал дуруст татбиқ шудани қонунҳо, кодексҳо, стратегияҳо, консепсия ва барномаҳои давлатӣ, бояд савияи дониши шаҳрвандон, маърифати ҳуқуқии аҳолӣ баланд бардошта шавад. Барои ин зарур аст, ки фанҳои ҳуқуқӣ дар дигар ихтисосҳои донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ҷорӣ гардида, соати фанҳои муҳиму зарурӣ зиёд карда шаванд.

Талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», гарчанде ба манфиати мардум бошад ҳам, аз ҷониби баъзе шахсиятҳои алоҳида вайрон карда мешавад. Вобаста ба ин пешниҳод менамоям, ки ҷазо барои шахсони вайронкунандаи талаботи қонуни мазкур вазнин карда шавад.

**Ботурхоҷа ҚОБИЛОВ,**
**муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

# ДАР ҚИТЪАИ ТОҶИКИСТОНИИ «CASA - 1000» 70 дарсади кор ба анҷом расидааст

**Соҳаи энергетикаро локомотиви иқтисодиёти ҳар як кишвар меноманд. Лоиҳаи «CASA - 1000» бузургтарин лоиҳаи энергетикии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ аст, ки ба шарофати он низоми энергетикии ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон пайваст мешавад. Ҳоло дар ин самт кор чӣ гуна ҷараён дорад?**

Директори минтақавии «Интиқоли неруи барқи «CASA - 1000» Файзалӣ Самиев зимни мулоқот бо рӯзноманигорон иброз намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин дам 70 дарсади корҳо ба анҷом расидааст.

Таҷҳизоти зарурӣ аз мамолики аврупоӣ, Россия, Хитой ва Ҳиндустон ворид гашта, қисми зиёдашон насб шудаанд. То марзи Афғонистон дар минтақаи Панҷи Поён (ноҳияи Ҷайҳун) хати интиқоли барқи баландшиддат кашида шуда, ҳоло васлу насби таҷҳизот низ идома дошта, то охири сол ба итмом хоҳад расид.

Хати интиқоли барқи 500 кВ «Датка – Суғд 500» аз Қирғизистон оғоз ёфта, дар ноҳияи Деваштич бо хатҳои барқи мавҷуда пайваст мешавад. Тавассути он барқи баландшиддат ба зеристгоҳи «Регар - 500» (воқеъ дар шаҳри Турсунзода) интиқол мешавад.

Аз шаҳри Турсунзода ба воситаи хати интиқоли барқи 500 кВ «Регар - Сангтӯда» бо дарозии 115 километр неруи барқ интиқол хоҳад шуд.

Тибқи лоиҳа, дар минтақаи «Сангтӯда» бо иқтидори 1300 МВТ ҷараёни тағйирёбанда ба ҷараёни доимӣ табдил меёбад.




Ҳоло дар Қирғизистон ва Покистон низ васлу насби таҷҳизот ва кашидани хатҳои интиқоли барқ хуб ҷараён доранд. Мутаассифона, бинобар вазъияти сиёсии баамаломада амалишавии лоиҳа дар Афғонистон мутаваққиф шуда, ҳамагӣ 50 дарсади корҳо ба анҷом расидааст.

Азбаски Бонки ҷаҳонӣ ҳукумати «Толибон» - ро ба расмият намешиносад, маблағгузории лоиҳа боздошта шуд.

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Имрон Ҳайдар чанде пеш иброз дошта буд, ки «CASA - 1000» Осиёи Марказии аз ҷиҳати энергетикӣ бой ва Осиёи Ҷанубии ба неруи барқ ниёзмандро мепайвандад.

- Тоҷикистон дорои захираҳои бои гидроэнергетикӣ мебошад, ки истифодаи онҳо роҳи беҳтарини ба даст овардани неруи барқароршавандаи энергия барои қонеъ кардани талаботи афзояндаи мост. Ба итмом расонидани лоиҳаи «CASA -1000» на танҳо барои Покистон ва Тоҷикистон манфиатнок хоҳад буд, балки як долони доимии энергетикӣ гардида, имкониятҳои нави ҳамкориҳоро дар минтақа боз хоҳад кард, - гуфт номбурда.

**С. СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

Бонги изтироб

**Солҳои соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Давлату Ҳукумат бо мақсади боз ҳам беҳтар шудани сатҳу сифати таълиму тарбия тадбирҳои судманд андешида шуданд. Мактабҳои замонавӣ бунёд ва бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардиданд.**

**Бо вуҷуди ин, мушкилоти мактабу маориф ҳанӯз дар баъзе шаҳру навоҳии мамлакат вуҷуд дорад. Чунончи, то ҳол дар баъзе деҳоти шаҳру ноҳияҳо хонандагон барои донишомӯзӣ роҳи дарозро тай карда, ба деҳаҳои ҳамсоя мераванд. Зеро дар деҳаи худашон мактаб нест. Чунин вазъ дар баъзе деҳаҳои шаҳри Ваҳдат дида мешавад.**

**Хабарнигори рӯзнома мушкилоти бемактабиро дар якчанд деҳаҳои ҳудуди деҳоти ба номи Бозорбой Бурунови шаҳри Ваҳдат мушоҳида намуд.**

# ДЕҲАҲОИ БЕМАКТАБУ САРСОНИИ ТОЛИБИЛМОН

## Чаро ин вазъ масъулини Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва Раёсати маорифи шаҳри Ваҳдатро ба ташвиш намеорад?





Деҳаҳои Ҷавонон ва Бахтёрони деҳоти ба номи Бозорбой Бурунов дар қисмати шарқии шаҳр, дар масофаи 15-18 километр воқеъ буда, бо сабаби то ҳол дар ин деҳаҳо набудани мактаб падару модарон маҷбуранд фарзандонро барои таълиму тарбия гирифтан ба мактабҳои деҳаҳои ҳамсоя равон кунанд.

Барои омӯхтани вазъ чанд маротиба ба ин деҳаҳо рафтем. Бори аввал моҳи ноябри соли 2019 ва бори дуюм моҳи ноябри соли 2020. Дар ҳар ду сафар моро намояндаи Раёсати маорифи шаҳр, Ҷамоати деҳоти ба номи Бозорбой Бурунов ва раисони маҳаллаҳои деҳаҳои Ҷавонон ва Бахтёрон ҳамроҳӣ карданд.

Дар арафаи баанҷомрасии соли хониши 2021-2022 бори дигар ба он ҷо рафтем. Ин навбат моро намояндагони Раёсати маорифи шаҳр, аз ҷумла муовини сардор Азиза Эшонова (тавре худи ӯ гуфт, дар давоми фаъолият бори аввал ба ин минтақа омадааст) ва ҳуқуқшиноси раёсат Вайсиддин Сангимуродов, раисони маҳаллаҳои деҳаҳои Ҷавонон ва Бахтёрони Ҷамоати деҳоти ба номи Бозорбой Бурунов ҳамроҳӣ карданд.

Нахуст ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №69, воқеъ дар деҳаи Холмуродӣ, омадем. Директори муассиса зимни суҳбат гуфт, ки сохтмони мактаб соли 1972 оғоз гардида, соли 1978 ба истифода дода шуд. Муассиса аз 11 синфхона ва ду кабинет иборат буда, барои 240 хонанда дар як баст пешбинӣ гардидааст. Мактаб аз ду деҳаи дар боло зикршуда дар масофаи тақрибан ду километр ҷойгир буда, он ҷо аз деҳаи Ҷавонон 86 нафар хонанда, аз ҷумла 45 духтар ва 41 писар таҳсил карда, ҳар рӯз аз болои пули садамавии дарёи Элок бо тарсу ҳарос мегузаранд.

Сокинони деҳаҳои номбурда барои сохтмони кӯпруки нав ва роҳи он борҳо ба мақомоти дахлдори шаҳри Ваҳдат муроҷиат карданд. Соли 2020 ба сохтмони пул оғоз бахшида бошанд ҳам, вале он то ҳол ба анҷом нарасидааст.

Сипас, ба филиали муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №26, воқеъ дар деҳаи Ҷавонон, ки №116-ро дорад ва дар он ҷо аз синфи 1 то синфи 4 хонандагон ба таҳсил фаро гирифта мешаванд, раҳсипор шудем. Ба назди мактаб расидему дар ҳайрат мондем: Бинои мактаб вайронаеро мемонад. Он соли 1988 тавассути ҳашари дастаҷамъонаи сокинони деҳаи Ҷавонон сохта шуда, аз чор ҳуҷра, ду синфхона, ҳуҷрача барои ҳуҷҷатҳои мактаб ва як ҳуҷраи дигар, ки ҳамчун бунгоҳи тиббӣ истифода мебаранд, иборат аст. Дар он то панҷоҳ нафар хонанда дар ду баст таълим гирифта, на мудири мактаб утоқи корӣ дораду на дар он хонаи муаллимон мавҷуд аст. Фарши дохили синфхонаҳо аз бетон буда, ба талабот ҷавобгӯ нест. Фасли сармо дар синфхонаҳо оташдон бошад ҳам, вале кӯдакон дар дарс аз хунукӣ бо либоси ғафси зимистона менишинанд. Бинои мактаб дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, иншооти ёрирасон надорад.

Мудири мактаби ибтидоии №116 Сафарбек Саидов зимни суҳбат чунин гуфт: «Кӯдакон дар чунин шароити вазнин таълиму тарбия мегиранду ду омӯзгор ба онҳо дарс мегӯянд. Ҳар сол мактабро бо қувваи волидон ва омӯзгорон таъмир менамоем. Тобистони солҳои 2019 ва 2020 низ ҳол чунин буд, деворҳои бино, ки кафидаанд, барои таъмир маблағ надоштем. Маҷбур шудем байни деворҳоро бо лой пур кунем. Соли 2021 низ вазъ ҳамон тавр боқӣ монд. То оғози соли нави хониш тавонистем зангӯлаи барқӣ насб намоем, ки ин барои хонандагон навигарии ҷиддӣ ба ҳисоб меравад».

Дар ҳуҷраи чоруми мактаб бошад, бунгоҳи саломатии деҳаро ҷой карданд. Ҳар дафъа, ки ба деҳаҳои зикршуда меомадем, дари бунгоҳи тиббӣ ҳамеша баста буда, сабаби онро касе гуфта наметавонист.

Ахиран мудири бунгоҳи тиббӣ Вайсиддин Кабировро пайдо кардем. Ӯ гуфт, ки барои бунёди бинои алоҳидаи бунгоҳи тиббӣ дар деҳаи Ҷавонон се маротиба ба раиси шаҳри Ваҳдат бо ариза муроҷиат карданд. Мутаассифона, мушкилот то ҳол ҳал нагардидааст, зеро қитъаи замине, ки ҷудо карданд, ба талаботи ҷойгиршавии муассисаи тиббӣ ҷавобгӯ нест.

Магар масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, роҳбарияти шуъбаи маориф, Беморхонаи марказӣ ва Кумаки аввалияи тиббию санитарии (КАТС) шаҳри Ваҳдат намедонанд, ки дар як бино ҷойгир кардани муассисаи таълимиву муассисаи тиббӣ манъ аст?





Ҳолати дигари ҳайратовар, ки диққати моро ҷалб кард, дар паҳлуи мактаби ибтидоӣ ҷойгиршавии масҷиди панҷвақтаи деҳаи Ҷавонон мебошад. Дарсҳо дар мактаб дар ду баст ҷараён мегиранд ва соати дарсии басти дуюм баъд аз нисфирӯзӣ оғоз мегардад. Дар ин вақт намозгузорон ҳам намози пешин ва ҳам намози асрро мехонанд. Ҷанозаи шахсони фавтида низ дар ҳамин масҷид баргузор мешавад, ки на танҳо ба кӯдакон таъсир, балки ба рафти дарсҳо низ халал мерасонад. Дар ин хусус аз вакили Ҷамоати деҳоти ба номи Бозорбой Бурунов Вайсиддин Кабиров ва раиси маҳаллаи Ҷавонон Далер Раҳмонов пурсон шудем. Онҳо гуфтанд, ки дар ин бора ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат ва Раёсати маорифи шаҳр борҳо муроҷиат кардем, вале муроҷиатҳои мо то имрӯз беҷавоб мондаанд.

Ҷиҳати муайян кардани ин муаммои сарбаста, ки ҳанӯз аз охири солҳои ҳаштодуми садаи бистум то ҳол ягон ниҳоди давлатӣ гиреҳи онро кушода натавонистааст, хостем аз имоми масҷиди панҷвақтаи деҳаи Ҷавонон Мирзораҳим Бурунов низ пурсон шавем. Мутаассифона, ҳар боре ба ин деҳа мерафтем, ӯро пайдо карда наметавонистем. Бо ӯ телефонӣ суҳбат кардем. Вай иброз дошт, ки барои ҳалли ин масъала борҳо ба роҳбарияти Ҷамоати деҳоти ба номи Бозорбой Бурунов муроҷиат кардааст, вале кай ҳал мешавад, маълум нест.

Дар сохтори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат бахши корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросим мавҷуд аст. Шояд мудири он Нуриддин Шарипов дар бораи ин муаммои сарбастаи солҳо боз ҳалнагашта маълумоте дошта бошад?

Баъд аз мактаби ибтидоии №116, ки филиали МТМУ №26 мебошад, ба сӯи ин муассиса роҳ пеш гирифтем. Директори муассисаро пурсон шудем, ӯ ба қабули сардори раёсат рафта будааст. Дар ҳавлии мактаб омӯзгорон якҷо бо хонандагон ба оғози басти дуюми дарсҳо омодагӣ медиданд. Суҳбати мо бо муовини директор оид ба таълим ва чанде аз омӯзгорони собиқадори мактаб аз мушкилоти ҷойдошта оғоз гардид.

Тавре онҳо иброз доштанд, мактаб ҳанӯз соли 1961 сохта шуда, дорои ҳафт синфхона, ҳуҷраи кории директор, хонаи муаллимон ва китобхона мебошад. Он барои 150 нафар дар ду баст пешбинӣ шуда, 17 омӯзгори соҳибмаълумот ба шогирдон таълим медиҳанд. Аз деҳаи Ҷавонон, ки мактаби синфҳои болоӣ надорад, то соли хониши 2020-2021 даҳ хонанда дар мактаби мазкур таҳсил мекарданд. Вале дар соли хониши 2021-2022 аз ин деҳа хонандагон дигар наомаданд.

Агар дар деҳаи Ҷавонон мактаби ибтидоӣ барои синфҳои 1 - 4 фаъолият дошта бошад, дар деҳаи Бахтёрон умуман мактаб вуҷуд надорад. Кӯдакону наврасони ин ду деҳа солҳо боз дар МТМУ №43- и деҳаи Чилчашмаи деҳоти «Бӯстон»-и ноҳияи Файзобод таҳсил мекунанд. Барои ҳозир шудан ба дарсҳо ҳар рӯз хонандагони деҳаҳои номбурдаро зарур аст, ки масофаи наздик ба чор километрро тай намоянд. Дурии роҳ барои дар вақти муайян ба дарс ҳозир шудани онҳо монеа эҷод мекунад, зеро то омадани хонандагон соати якуми дарс ҳам ба охир мерасад. Омӯзгорони муассиса мегӯянд, ки бо сабаби сари вақт ба мактаб ҳозир нашудани хонандагони деҳаҳои Ҷавонон ва Бахтёрон соати якуми дарс баргузор намешавад. Дар рӯзҳои боронӣ ва ё боридани барф хонандагони ин деҳаҳо умуман ба мактаб омада наметавонанд. Директори муассиса Муродалӣ Тағоев изҳор дошт, ки барои аз таълим дур намондани хонандагони деҳаҳои номбурда, ки мактаб надоранд, маҷбурем онҳоро ба таҳсил фаро гирем.

Сокинони деҳаҳои Ҷавонон ва Бахтёрон мегӯянд, ки ҳанӯз солҳои 90-уми асри гузашта ва ду даҳсолаи садаи бисту якум борҳо роҳбарияти шаҳри Ваҳдат ва Раёсати маорифи шаҳр ваъда медоданд, ки мактаби наву замонавӣ месозанд. Мутаассифона, ҳеҷ не ин нияти роҳбарияти шаҳр амалӣ гардаду мушкилоти мактабиён аз байн равад.

Дар ду деҳаи зикршуда аз соли 1990 инҷониб барои бунёди мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва бартараф кардани мушкилоти мавҷуда ягон ташаббус нашудааст. Чунин бепарвоиву саҳлангорӣ ба он оварда расонд, ки бештари духтарон, ҳатто писарони деҳаҳои зикргардида, аз таълиму тарбия берун мондаанд ё ин ки аз дурии роҳ ва набудани шароит аз мактаб дилмонда шудаанд. Омӯзгорони муассисаи таълимии №43-и деҳаи Чилчашмаи ноҳияи Файзобод ҳам иброз доштанд, ки дар синфҳои болоии мактаб аз деҳаҳои Ҷавонон ва Бахтёрон умуман духтарон таҳсил намекунанд. Синфи 10-уми муассиса ягон духтар надорад, ҳама писаронанд. Волидон ва дигар сокинони ин ду деҳа борҳо ба ниҳодҳои марбутаи шаҳри Ваҳдат ва деҳоти ба номи Бозорбой Бурунов дар бораи бартарафсозии мушкилоти бамиёномада муроҷиат кардаанд, вале бефоида.

Моҳи ноябри соли 2019 дар деҳаи Ҷавонон қитъаи замин дар масоҳати 0,70 га барои сохтмони мактаби замонавӣ ҷудо гардида буд. Лоиҳаи сохтмони мактаб тарҳрезӣ шуда, он бояд аз ҷониби соҳибкори ватанӣ то ҷашни 29-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (то оғози соли хониши 2020-2021) ба истифода дода мешуд. Соҳибкор як қисми масолеҳи сохтмониро барои оғози сохтмони мактаб муҳайё кард. Сокинони деҳаи Ҷавонон ва Бахтёрон аз ин иқдоми соҳибкори хайрхоҳ хеле хурсанд буданд, ки акнун фарзандон дар мактаби замонавӣ ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Вале чӣ боис гардид, ки соҳибкор ин амали хайрро ба анҷом нарасонид? Шояд ба лоиҳаи сохтмони мактаб касе монеа гардид?

Дар рӯзҳои анҷоми соли хониши 2021-2022 бори дигар ба муовини раиси шаҳри Ваҳдат Мансур Каримзода ва сардори Раёсати маорифи шаҳр Қосим Давлатзода оид ба мушкилоти бемактабӣ дар ду деҳаи зикршуда ёдрас шудем. Дар ҷавоб гуфтанд, ки лоиҳаи сохтмони мактаби деҳаи Ҷавонон омода аст ва онро моҳи июни соли равон оғоз намуда, дар арафаи соли хониши 2022-2023 ба истифода медиҳанд. Мутаассифона, сохтмони мактаб бо сабаби ҷудо нагардидани маблағ ва пайдо нашудани соҳибкор то ҳол оғоз нагардидааст. Оё роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва Раёсати маорифи шаҳри Ваҳдат барои ҳалли ин мушкилот чорае меандешида бошанд?

**Муҳаммад ЗОКИР,**
**«Садои мардум»**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ барои ишғоли вазифаи мудири кафедраҳои зерин ОЗМУН эълон менамояд:

- мудири кафедраи иқтисодиёт ва идора - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ;
- мудири кафедраи молия ва ҳисобдорӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ;
- мудири кафедраи нақлиёт ва технология - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ;
- мудири кафедраи физика ва телекоммуникатсия - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ;
- мудири кафедраи электроэнергетика - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ;
- мудири кафедраи сохтмон ва меъморӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ.
- мудири кафедраи химия ва экология - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ;
- мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва барномасозӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ;
- мудири кафедраи таърих ва ҳуқуқ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ;
- мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ;
- мудири кафедраи математика ва информатика - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ;
- мудири кафедраи варзиш ва мудофиаи шаҳрвандӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ;
- мудири кафедраи забони тоҷикӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ;
- мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ - 1 ҷой, маоши мансабӣ - 1300 сомонӣ.

### ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ИШҒОЛКУНАНДАГОНИ ВАЗИФАҲОИ МУДИРИ КАФЕДРА:

- маълумоти олии мувофиқ ба вазифаи мазкур, доштани унвони илмӣ, донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, малакаи кор бо компютер, донистани санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ.

Ҳуҷҷатҳо дар муҳлати 6 рӯзи корӣ баъди чопи аввали эълон дар воситаҳои ахбори омма қабул карда мешаванд. Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо: **шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 41, Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ, e-mail:technical-college-ttu@mail.ru.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 410984 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и шаҳри Ҳисор | Таъмири ҷорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.09.2022 09:10:00 |
| 2 | 411137 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Таъмири ҳуҷраи бойгонӣ дар Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмология | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.09.2022 09:20:00 |
| 3 | 411122 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Сохтмони айвончаҳои «Кӯдакистони №138» - и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.09.2022 15:30:00 |
| 4 | 411125 | Мактаб - интернат барои бачагони ятим, бачагони маҳрум аз парастори волидайн ва аз оилаҳои камбизоати Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 73 | 12.09.2022 19:20:00 |
| 5 | 411126 | Муассисаи давлатии «Мошинсарои воситаҳои нақлиёти махсуси тиббӣ»-и вилояти Суғд | Қисмҳои эҳтиётӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 47 | 12.09.2022 20:40:00 |
| 6 | 411134 | Маркази ҷумҳуриявии саломатии равонии кӯдакон ва наврасон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 13.09.2022 09:10:00 |
| 7 | 411136 | Муассисаи давлатии «Раёсати обёрӣ»-и шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 13.09.2022 09:20:00 |
| 8 | 411138 | Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётӣ ва равған барои мошинҳои сабукрав | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 13.09.2022 09:20:30 |
| 9 | 411131 | Муассисаи давлатии «Майдони Истиқлол»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 13.09.2022 09:30:00 |
| 10 | 411140 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе | Либос ва лавозимоти ҳарбӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 13.09.2022 09:30:00 |
| 11 | 411132 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Синамо» | Молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 13.09.2022 09:30:27 |
| 12 | 411141 | Муассисаи давлатии «Майдони Истиқлол»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Поруи минералӣ ва органикӣ, пойафзол, инвентари нарм, молҳои хоҷагӣ, барқӣ, таҷҳизоти боғдорӣ ва инвентари корӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 62 | 13.09.2022 10:00:00 |
| 13 | 411142 | Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика | Насби системаи ҳушдордиҳандаи сӯхтор, тайёр ва насб кардани баннер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 13.09.2022 10:00:00 |
| 14 | 411143 | Муассисаи давлатии «Филармонияи давлатии бачагонаи Тоҷикистон» | Камераҳои назоратӣ, мебели мулоим, тахтаи интерактивӣ бо проектор, обгармкунак, қолин, мизи корӣ ва асбобҳои мусиқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 13.09.2022 11:10:17 |
| 15 | 411130 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Молҳои хоҷагӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 13.09.2022 14:00:00 |
| 16 | 411145 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хизматрасонӣ оид ба таҳияи 3 адад феҳристи электронии иттилоотӣ ва 1 адад равзанаи маълумотӣ (феҳрист) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 13.09.2022 14:15:00 |
| 17 | 411133 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 13.09.2022 14:30:00 |
| 18 | 411124 | Бахши фарҳанги ноҳияи Дарвоз | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 13.09.2022 15:00:00 |
| 19 | 411127 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 2-и ноҳияи Дарвоз | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 13.09.2022 15:00:00 |
| 20 | 411128 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ишкошим | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 13.09.2022 15:00:00 |
| 21 | 411147 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи тиббӣ - профилактикии Тоҷикистон» | Сервер, мебел, молҳои идоравӣ, маишӣ ва маводи реагентӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 13.09.2022 16:59:59 |
| 22 | 411144 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.09.2022 11:45:45 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 16 сентябри соли 2022 озмуни №9-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) | Муҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ШСХК «Барқи Тоҷик» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 64 | масоҳати 239,5 $м^2$ аз ҳисоби тагхонаи бино | хӯроки умумӣ | 30000 | 1 сол |
| 2 | Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33 | масоҳати 18 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди назди бино | савдо | 12000 | 1 сол |
| 3 | Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 32/3 | масоҳати 1 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 632 | 1 сол |
| 4 | Комиссариати ҳарбии ноҳияи Шаҳритуси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ноҳияи Шаҳритус, кӯчаи Рӯдакӣ 45 | масоҳати 18 $м^2$ аз ҳисоби муассиса | техникӣ | 10800 | 1 сол |
| 5 | КВД КТН «Шарқи озод» | шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16 | масоҳати 12 $м^2$ аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 7206 | 1 сол |
| 6 | Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 54 | масоҳати 20 $м^2$ аз ҳисоби бинои корхона | техникӣ | 12012 | 1 сол |
| 7 | Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловский | шаҳри Душанбе, к/п 70 | масоҳати 9 $м^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 5430 | 1 сол |
| 8 | Муассисаи давлатии ҷумҳуриявии «Мамнӯъгоҳи таърихӣ - фарҳангии Ҳисор» | ш.Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ҳисор | масоҳати 25 $м^2$ аз ҳисоби бинои навбарқароршуда | савдо | 2905 | 1 сол |
| 9 | Муассисаи давлатии ҷумҳуриявии «Мамнӯъгоҳи таърихӣ - фарҳангии Ҳисор» | ш.Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ҳисор | масоҳати 25 $м^2$ аз ҳисоби бинои навбарқароршуда | савдо | 2905 | 1 сол |
| 10 | Муассисаи давлатии ҷумҳуриявии «Мамнӯъгоҳи таърихӣ - фарҳангии Ҳисор» | ш.Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ҳисор | масоҳати 25 $м^2$ аз ҳисоби бинои навбарқароршуда | савдо | 2905 | 1 сол |
| 11 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский 2 | масоҳати 212,96 $м^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | маъмурӣ ва хизматрасонии тиббӣ | 50400 | 3 сол |
| 12 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов 6/7 | анбори №25 бо масоҳати 130 $м^2$ аз ҳисоби бинои №19А | анбор | 32200 | 2 сол |
| 13 | Корхонаи воҳиди давлатии «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 126 | масоҳати 30 $м^2$ аз ҳисоби бинои корхона | маъмурӣ | 7200 | 1 сол |
| 14 | КФ «Мурғпарварии Ваҳдат»-и КВД «Саноати паррандапарварии Тоҷикистон» | шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати шаҳраки ба номи Н. Розиқ, шаҳраки Наврӯз | масоҳати 20 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи дуюми бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 2400 | 1 сол |
| 15 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов 6/7 | анбори №38 бо масоҳати 134 $м^2$ аз ҳисоби бинои №38А | анбор | 43469 | 1 сол |
| 16 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Фотеҳ Ниёзӣ | масоҳати 293,3 $м^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бино | хӯроки умумӣ | 35000 | 1 сол |
| 17 | Муассисаи давлатии «Сирки давлатии Тоҷикистон» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 2 | як утоқи корӣ бо масоҳати 22 $м^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | маъмурӣ | 4000 | 1 сол |
| 18 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов 6/7 | анбори №49 бо масоҳати 115,5 $м^2$ аз ҳисоби бинои №14А | анбор | 30000 | 1 сол |
| 19 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов 6/7 | утоқи кории №32 бо масоҳати 93 $м^2$ аз ҳисоби бинои №8А | утоқи корӣ | 44220 | 1 сол |
| 20 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов 6/7 | анбори №12 бо масоҳати 101 $м^2$ аз ҳисоби бинои №8А | анбор | 28862 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад. Ҷои баргузории озмун: **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21. Тел 221-73-74, 221-33-66 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1. Тел: 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун соати **$10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад. Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун ба суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **www.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.GKI.tj** гирифтан мумкин аст.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шартномаи хариду фурӯши ҳавлидорӣ таҳти қайди №9д-334-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 1997 бо суроғаи кӯчаи Азизбеков, хонаи 10 ба Фаттоев Абдужабор додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии бӯстонсарои №3613-и гумшуда, ки онро КФБТ - и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2008 бо суроғаи Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Тезгари боло ба Пардаев Ислом додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми силсилаи Т-ШТУ №0143371 - и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №43-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2007 ба Сайфидинова Дилбар Насриддиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №5-и шаҳри Душанбе соли 1994 ба Давлиятова Мусаллама Талбидагиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкории № 0364952 бо РЯМ 0330119561-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 2018 ба Ҳасанов Иноятулло Маҳмадуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи Б№ 527610-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ - техникии №17 (ҳоло Литсейи касбӣ - техникӣ) - и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 1987 ба Садиров Фазлиддин Тешабоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ПТ-1 № 256989 таҳти қайди 2313 - и гумшуда, ки онро Коллеҷи тиббии шаҳри Душанбе соли 1992 ба Файзулаева Гульшан Эргашевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ҶТ № 0074196-и гумшуда, ки онро Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе соли 2015 ба Ҷавов Комбиз Хуршедшоҳевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии силсилаи Д 201568-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2020 ба Насыров Азимҷон Музафарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии № 8705-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Душанбе соли 2018 бо суроғаи ноҳияи Сино, кӯчаи шоҳроҳи Айнӣ 1 ба Зайдов Асламҷон Неъматуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ) соли 2003 бо суроғаи деҳаи Арбобхотун, Ҷамоати деҳоти Чортеппа ба Ғуломова Меҳрубон додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 0862902-и гумшуда, ки онро Литсеи инноватсионии «Душанбе» - и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2021 ба Раҳимова Шаҳноза Зафаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДМБ № 185697 таҳти қайди 1542 -и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2021 ба Сулаимонзода Қудратуллои Худоидод додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Исломбекова Фахрия Иқболбековна, ки дорои Шаҳодатномаи соҳибкории № 0470272, РЯМ 0130193415 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2021 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

**Хонандагони азиз, инчунин метавонед хабару гузориш ва маводи мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 24 августи соли 2022, соати 18:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха*

**Навбатдорони шумора**
**С. Суннатӣ ва Ҳ. Тоҳирӣ**

**Тарроҳони компютерӣ**
**Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**